Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-026
дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025 ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)
www.tnu.tj

# Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент Атоев Атоулло Мухтарович ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзуи "Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар "Шоҳнома"- и Абулқосим Фирдавсӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03.-таърихи фалсафа**

Мавзӯи таҳқиқотии Азизов Комил Ҷурахонович ба яке аз мавзуҳои мубрам ва ҳассос дар таърихи фалсафа бахшида шудааст. Асари безаволи Абулқосими Фирдавсӣ "Шоҳнома" дар радифи муҳимтарин осори муаррифкунандаи мероси асили фарҳангу адаби тоҷику форс қарор дошта, дар сар то сари он таблиғи ғояҳои хайрхоҳона, ифтихорот аз дастовардҳои аҷдодӣ ва давлатдориҳои миллӣ ҷой дорад, он дар шароити ниҳоят пурталотуми имрӯзаи ҷаҳон барои тарбияти насли наврас дар рӯҳияи озодагӣ, ватандӯстӣ, сидқу сафо, вафодорӣ, муттаҳидӣ ва амсоли инҳо хеле муҳим аст.

Дар шароити кунунии ҷаҳони пурихтилоф, ки гуногунии фарҳангҳо мушоҳида мешавад, зарурат пеш омадааст, ки ақида ва ғояҳои иҷтимоӣ - фалсафии мутафаккирони тоҷику форс, аз он ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ, ба таври дақиқ омӯхта шаванд. Он имкон фароҳам меорад, ки назарияи рушди иҷтимоии ҷамъият дар шароити имрӯза таҳия гардад, мавриди истифода қарор дода шавад ва дар он замина камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда шаванд.

Муҳиммияти таҳқиқот инчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар "Шоҳнома" на танҳо таърихи сулолаҳо ва тавсифи паҳлавонҳо гирд оварда шуда, балки дар он сатҳи давлату давлатдорӣ ва рушди ҷомеа, масъалаҳои мухталифи ҷанг, амнияту бехатарӣ ва ифтихори миллӣ баррасӣ гардидаанд.

Омӯзиши ин масъалаҳо ва дар амал татбиқ намудани онҳо дар шароити имрӯза ниҳоят муҳим буда, барои дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ тарбия намудани афроди иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

Ба андешаи диссертант, дар ҷаҳони муосир, ки зӯриву зӯроварӣ, ҷанг низоъҳо, шиддатнокии иҷтимоӣ афзалият пайдо намудаанд, мавзӯи сулҳу амонӣ, барқарор намудани сулҳ ва амният, таъмини ҳаёти осоишта яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ҳисобида мешавад. Дар ин самт аксарияти давлатҳо барномаҳои стратегии паст намудани шиддатнокии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро таҳия намуда, дар ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои ба эътидол овардани вазъият мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ оид ба ҷанг ва сулҳу субот, оромии ҷомеа маводе мебошад, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ибратомӯз ба ҳисоб меравад.

Муллиф қайд менамояд, ки таҳлили консепсияи «волоияти ақлу заковат» масъалаи актуалӣ ба ҳисоб рафта, ҳалли он ба таври мунтазам ба роҳ монда мешавад. Дар чунин ҳолат танҳо ақли солим метавонад, ки мухолифатҳои мавҷударо бартараф намояд. Аз дигар тараф, дар асоси ақли солим имконият ба даст меояд, ки пояҳои давлату давлатдорӣ устувор гардад, ифтихори миллӣ дар ҷаҳони муосири пурихтилоф мавқеи худро соҳиб гардад.

Нуктаҳои асосӣ, ки муаллифи рисола барои ҳимоя пешниҳод менамояд, нуктаҳои зерин нақши муҳим доранд –омӯзиши давлатдорӣ шарти ҳатмӣ ва зарурии нигоҳ доштан ва мукаммал намудани давлатдории муосир ба ҳисоб меравад; -ифтихори миллӣ метавонад боиси устувор гардидани арзишҳои миллӣ, заминаи муттаҳидшавӣ, дарки дурусти манфиатҳои мухталифи умумиятҳои иҷтимоӣ гардад ва ҳамчун омили асосии рушд ва инкишофи тамоми ҷомеа ва давлат баромад намояд;-таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шароити иҷтимоиву иқтисодии замони Фирдасӣ чун заминаи ташаккули афкори мутафаккир баромад менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 152 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Боби 1.“Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва заминаҳои иҷтимоиву ғоявии афкори Абулқосим Фирдавсӣ” – аз ду зербоб иборат аст.**

**Дар зербоби 1. “Асосҳои назарияивӣ ва методологии омӯзиши давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ”-** муаллиф қайд мекунад, ки мафҳуми “давлатдорӣ” дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, омӯзиши он шарти зарурии ташаккули давлатдории муосир ба ҳисоб меравад. Масъалаи давлатдорӣ дар доираҳои гуногуни илмӣ проблемаи нави назариявӣ ба ҳисоб меравад. Категорияи “давлатдорӣ” ҳанӯз ба аппарати категориявии омӯзиши давлат ворид нагардидааст. Ҳарчанд он бидуни ягон асоснокнамоии назариявӣ дар адабиёти илмӣ истифода карда мешавад.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки таҳлили фалсафии мафҳуми “давлатдорӣ” имконият медиҳад, ки мафҳуми “давлат” самтҳои рушди он, хусусиятҳои таърихӣ ва динамикиаш бо тамоми ҷузъиёт дурусттар дарк шавад. Яъне, сохтори умумии давлат, ба мисли сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг ва пайванди мантиқии онҳоро нишон дода, робитаи муназзамият ва диалектикӣ мушаххас карда шавад.

Мафҳуми “давлатдорӣ” дар доираҳои илмӣ ва фаъолияти амалӣ мафҳуми нисбатан нав буда, пайдоиши онро, пеш аз ҳама, бо таҳқиқи масъалаҳои сохтори давлатӣ ва муайян намудани мутобиқати мафҳуми “давлат” ва “давлатдорӣ”, позитивистон алоқаманд менамоянд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии ҷомеа нерӯи лигитимӣ, шакли ташкили ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки ягонагӣ ва муттаҳидии тамоми ҷомеаро таъмин менамояд. Давлат аз тарафи умумиятҳои миллӣ ва халқиятҳои алоҳида дар ҳудуди муайян ташкил карда мешавад, ки ҳуқуқи истифодаи зӯровариро дорад. Дар ҳолатҳои муайян, ба хотири нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини амният ва суботи кишвар, метавонад аз ҳуқуқи мутлақи истифодаи зурӣ истифода намояд.

**Дар зербоби 2. “Таълимоти Аваcто ва Зардуштия ҳамчун сарчашмаҳои ғоявии ташаккули ақидаҳои ахлоқӣ ва ичтимоию-сиёсии Фирдавсӣ”-** ба ақидаи муаллиф асотир хусусияти образӣ дошта, бо тафаккури бадеӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар он ҳодисаву воқеаҳо зоҳиран шакл бигиранд ҳам, ҳоло ба мисли дин муназзам ва мураттабу суфта нагардидаанд ва зиддияти маънои зиёдтар мушоҳида мешавад. Дар “Авесто”, баъзан, аз вуқӯи ин ё он ривоят танҳо ишорае мешавад, ки на ҳама дар аснои мутолиаи ин китоби динӣ аз моҳияти он сарфаҳм мераванд. Вале сарчашмаҳои гуногуни дигаре, аз ҷумла, “Шоҳнома”- и безаволи Фирдавсӣ он ривоётро муфассал баён намуда, таърихи аҷдодони эронитаборро бо шукӯҳу шаҳомати хосе бозгӯ мекунад.

Масалан, худи Фирдавсӣ қайд менамояд, ки дар “Шоҳнома” ӯ ривояту нақлу афсонаҳои қадимаро низ дарҷ намудааст, ки бузургоне қабл аз вай онро нақл намудаанд.

Диссертант қайд мекунад, ки Фирдавсӣ ба ин назар аст, ки дар ҳолати рушд ва гулгулшукуфоии давлат ва ҷомеа ҳамеша душманоне пайдо мешаванд, ки пеши роҳи онро гирифтан мехоҳанд. Аз ин рӯ, Фирдавсӣ дар ин достон таъкид менамояд, ки роҳбарон бояд ҳамеша омодаи авзои гуногуни иҷтимоӣ бошанд, зеро маҳз омодагӣ метавонад, чун муҳимтарин омили амнияти давлат ва ҷомеа баромад намояд.

Муаллиф хулоса менамояд, ки Фирдавсӣ дар ин достон воқеияти иҷтимоиро хеле ҷолиб нишон медиҳад, ки бо сабаби беадолатӣ, дурӯғ, зӯроварӣ, золимӣ ҳокимият таназзул меёбад ва на танҳо ҳокими маъзули он, балки мардуми қаторӣ низ дар ин гуна вақт ба мушкилоти шадид рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ҷо андешаи Фирдавсӣ бо ғояи марказии зардуштия-муборизаи некӣ ва бадӣ айният дорад ва таъсирпазирии “Шоҳнома”-ро на танҳо шаклан, балки мазмунан низ тасдиқ мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули афкори Фирдавсӣ оид ба давлату давлатдорӣ ва нигоҳи танқидӣ доштан ба ҳокимони золиму беадолат, ки дар достони Заҳҳок ифода

шудаанд, маҳз матнҳои авестоӣ ба ҳисоб мераванд. Фирдавсӣ чунин мешуморад, ки барои ҳар як ҳоким вазифаи аввалиндараҷа бояд якпорчагии давлату сарзаминаш бошад, яъне шоҳи одил, пеш аз ҳама, бояд ғами мардумро хӯрда, манфиати давлатро аз манфиати худ авлотар бидонад, чунки баръакси ҳол ҳам мардум дар азоб мемонанд, ҳам шоҳ имкон дорад аз давлату ҳокимияти худ маҳрум шавад.

**Боби II: "Таҷассуми давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар "Шоҳнома"-и А. Фирдавсӣ"- аз се зербоб иборат мебошад.**

**Зербоби1. "Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии афкори Фирдавсӣ оид ба давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ"-** муаллиф қайд мекунад, ки омилҳои мухталифе дар марҳилаи муайяни таърихӣ, дар вазъияти ҷой доштани проблемаҳои зиёди ба давлату давлатдорӣ алоқаманд, консепсияҳои муайянеро дар рӯҳияи афроди иҷтимоӣ дар бораи сулҳ, ваҳдат, амният ва ифтихороти миллӣ ташаккул медиҳад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки равандҳои сиёсии асрҳои VII-VIII дар Эрон, заминаи асосии ташаккули афкори иҷтимоӣ-фалсафии Фирдавсӣ оид ба сулҳ, амният ва ҳувияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Фирдавсӣ ба гузашта бо назари ибрат нигариста, ҳодисаҳои таърихиро тарзе ба риштаи назм кашидааст, ки ба ин васила ҳамзабононашро водор менамояд, ки нисбати тақдири ояндаи Ватанашон бепарво набошанд. Бебаҳс, ҳокимони гузаштаи эрониён, ки дар бунёди давлат ва офаридани фарҳанги волои миллӣ мусоидат намуда будаанд, дар ташаккули ҷаҳонбинии Фирдавсӣ нақши назаррас гузоштаанд. Зеро, дар сиёсати пешгирифтаи амирони Сомонӣ мақсади давлат ва халқ ҳамоҳангӣ пайдо карда, дар шуури иҷтимоӣ бо сароҳат эҳсос мегардид, ки тарзи баён ва услуби илмиву адабии он давра шоҳиди ин гуфтаҳост.

Муҳаққиқ хулоса менамояд, ки пайдоиши ғояҳои прогрессивии баробарии умумӣ, имконияти фароҳам овардани имтиёзҳои иҷтимоӣ барои тамоми аъзоёни ҷомеа, рушди ҳуқуқи интихоботӣ, гузариш аз монархияҳои мутлақият ба монархияи конститутсионӣ, маҳдудияти ҳокимияти давлатӣ бо

оқибатҳои он дар ҷомеаи инсонӣ хеле дертар аз давраи Фирдавсӣ ба амал омадаанд. Лекин, заминаҳои муайяни пайдоиш ва рушди чунин ғояҳо дар замони ӯ, вақте. Ки ӯ консепсияи ҳокими адолатпарвар, одилона ва некӯкор, консепсияи давлат ва чомеаро дар Шоҳнома таҳия карда буд, гузошта шуда буданд. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ҷомеаи Фирдавсӣ воқеияти сирф таърихӣ нест, гузашта аз ин, он як ҷомеаест, ки бақавли Фирдавсӣ бояд арзи ҳастӣ менамуд, ки мардум сазовори он буданд.

**Дар зербоби 2. "Тавсифи сулҳу амонӣ дар "Шоҳнома" чун воситаи ташаккули ифтихори миллӣ ва таъмини амнияти давлату давлатдорӣ"-** муаллиф қайд мекунад, ки ҳар як давлат, пеш аз ҳама, ба амнияти худ диққат дода, барои ҳифзи ҳудуд ва якпорчагии худ тамоми воситаҳоро мавриди истифода қарор медиҳад.

Дар "Шоҳнома" оид ба пайдоиши давлат, ташаккули ҳунарҳои мардумӣ ва ғайраҳо ишора карда шуда, масъалаи ҳифзи сарзамин аз деву ҷинҳо, ки чун прототипи душман баромад мекунад ва ба таври доимӣ ба ҷомеаи инсонӣ таҳдид менамуданд, мавқеи муайян дорад. Аз ин хотир, дар ҷомеа зарурати ташкил намудани қувваҳои муайяне ба миён омад, ки баҳри ҳимояи ҷомеа истифода карда шаванд. Ҳамзамон, барои бартараф намудани проблемаҳои дохилии кишвар масоили иқтисодӣ бояд дар мадди назар дошта шавад, зеро дар дохил қувваҳое пайдо мешаванд, ки ба ҳастии чунин ҳукумат таҳдидҳо эҷод менамоянд. Чунин вазъиятро душманони беруна ба манфиатҳои худ истифода менамоянд.

Ба ақидаи муаллиф Фирдавсӣ оид ба арҷгузории фарҳанг ва арзишҳои бегона сухан ронда, қайд менамояд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ анҷгузорӣ намудани фарҳанги дигар миллату халқиятҳо, боиси баҳамоӣ ва беҳтар гардидани муносибатҳо мегардад. Фирдавсӣ таъкид менамояд, ки ба хотири мустаҳкам ва устувор намудани пояҳои давлату давлатдорӣ, таъмини амнияту субот зарур аст, ки лашкари пурқувват, паҳлавонони далер ва ҷоннисорону ҳаводорони марзу буми аҷдодӣ, ки аз арзишҳои гузаштагон ифтихор доранду аз онҳо бо тамоми ҳастӣ муҳофизат мекунанд, тайёр карда

шаванд. Лашкари пурқувват, паҳлавонони номӣ, ки доимо дар ҳифзи давлат омода мебошанд, боиси ба вуҷуд омадани ифтихори миллӣ дар миёни омма мегардад.

Диссертант қайд мекунад, ки ба ақидаи Фирдавсӣ, ҳифзи Ватан - вазифаи аввалиндараҷа ва асосии ҳамагон аст. Ӯ мефаҳмид, ки барои ҳифзи якпорчагӣ ва марзу буми Ватан бояд ҷанговарони далеру ҷасур ва нотарсро ба воя расонид. Барои Фирдавсӣ ҳифзи Ватан назар ба дигар падидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ тарҷеҳ мешавад. Аз ин хотир, ӯ чунин меҳисобад, ки маҳз табақаи ҷанговарони далеру шуҷоъ омили асосии пойдории давлату давлатдорӣ мебошад. Масъалаи дигаре, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» мавриди баррасӣ қарор додааст, ин тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ғуруру ифтихори миллӣ мебошад. Фирдавсӣ иброз медорад, ки барои паҳлавони далеру шуҷоъ шудан тарбияи бадан кофӣ нест. Зарур аст, ки ба онҳо инчунин ақлу заковат, хирадмандӣ ва маърифати зеҳниро талқин намуд.

Маҳз ин паҳлӯҳои тарбиявӣ метавонад ба онҳо меҳри Ватан, худшиносию худогоҳиро тақвият бахшад. Ин омилҳоеҳастанд, ки дар оянда барои ҳифзи Ватан ва якпорчагии он мусоидат хоҳанд кард. Ҳамин тариқ, масъалаи давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар “Шоҳнома” ба таври мушаххас баён гардида, муаллиф бо қисса намудани достонҳои гугуногун андешаҳои худро нисбати ин масъалаҳо ифода намуда, ки дар шароити имрӯза низ аксарияти онҳо аҳамияти худро аз даст нададаанд.

**Дар зербоби 3. боби 2 “«Шоҳнома» ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ифтихори миллӣ ва оини давлату давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир”-** муаллиф қайд мекунад, ки омилҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки барои муттаҳиддии миллат ва пойдории давлату давлатдорӣ таъсир расонида метавонанд. Яке аз ин омилҳо ин адабиёти миллӣ ва дигар сарчашмаҳое ба шумор мераванд, ки ба таърихи давлату давлатдорӣ, ифтихороти миллӣ бахшида шудаанд. Бисёре аз таҳлилгарон, таърихнависон, муҳаққиқон ва мунақидон ба он ақидаанд, ки “Шоҳнома”– и Фирдавсӣ чунин рисолати

бузурги таърихиро ба ӯҳда дорад ва ҳамзабононашро бо таърихи ниёгонашон ошно менамояд. Маълум аст, ки маълумоти комил доштан аз таърихи гузаштагон метавонад насли оядаи миллатро бо чунин арзишҳо таъмин намуда, роҳҳои аслии ҳифз намудани давлати миллиро нишон диҳад.

Диссертант хулоса менамояд, ки "Шоҳнома" асари таърихие ба ҳисоб меравад, ки далелҳои таърихиро таҷассум менамояд, ба ҳар як хонанда имконият фароҳам меоварад, ки оид ба таърих ва анъанаҳои ниёгони худ тасаввуроти муайян пайдо намуда, аз ниёгони худ ифтихор намояд. Дар ин самт метавон қайд намуд, ки чунин ифтихорнамой метавонад боиси муттаҳид гардидани тамоми унсурҳои ҷомеа гардида, заминаи рушди минбаъдаи давлату ҷомеаро таъмин намояд.

Муаллиф менависад, ки он чӣ, ки Фирдавсӣ дар замони худ навишта буд, то ҳол арзишаш заррае коста нагардидааст ва моро бори дигар ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ифтихор доштан аз фарҳангу маданияти ниёгон, ҳифз намудани якпорчагии сарзамин ва устувор нигоҳ доштани пояҳои давлатдориро ҳеҷ гоҳ аз ёд набарорем. Ин падидаҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ аз он дарак медиҳад, ки ифтихори миллӣ ва пойдории давлат аз ҳар як фарди ҷомеа сахт вобастагӣ дорад

Қайд намудан ҷоиз аст, ки мақсад ва вазифаҳои дар назди рисола гузошташуда бомувафакият ҳал карда шудааст. Тартибу низоми рисола ба талаботи илмӣ мутобиқ буда, матни он бо забони шевои илмӣ-фалсафӣ ва адабии точикӣ ифода ёфтааст.

Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллиф мӯҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунад.

Дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ва ишораҳои зеринро ҳамчун пешниҳод қабул намоянд:

1. Матни диссертатсия таҳрири ҷиддиро талаб менамояд.

2. Объект ва предмети рисола бояд ҷой иваз карда шавад.

3. Дар рисола бо баъзе аз хатоҳои техникӣ дучор меоем, ки ба мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқот асаре надорад.

Камбудиҳои ишорагашта арзиши илмии рисоларо паст намекунанд.

Умуман, рисолаи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзуи “Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” ба талаботхое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 оид ба додани дараҷаи илмии номзадӣ ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафаи МДТ-и “ДДХ баноми
академик Б.Ғафуров”
ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1
Телефони мобилӣ: 92-773-21-23 Атоев А. М.
05. 12. 2020

Имзои доктори илмҳои фалсафа,
профессор А. М. Атоевро тасдиқ менамоям
Сардори Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Ашрапова З.Н.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС